Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «20» январи соли 2021
№12

Кумитаи андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «20» январи соли 2021
№2-ф

# ФАРМОИШ

«Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент»

Мутобиқи банди 7 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд»

Ф а р м о и ш м е д и ҳ е м:

1. Андозаи пардохт ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент (андози даромад ва андози иҷтимоӣ) дар соли 2021 бо дарназардошти сатҳи таваррум аз рӯи натиҷаи соли 2020 дар ҳаҷми 9,4 фоиз индексатсия карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
3. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани Фармоиши мазкур, тадбирҳои зарурӣ андешида, онро ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намояд.
4. Фармоиши якҷояи Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2020, №11 ва №1-Ф «Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2020, №735 “г” ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.
5. Фармоиши мазкур пас аз як моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Файзиддин Қаҳҳорзода

Раиси Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Нусратулло Давлатзода

Замима ба фармоиши якҷояи
вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ва раиси кумитаи андоз назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «20» январи соли 2021, №12 ва №2-ф

## Андозаи пардохт ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент

(сомонӣ дар як моҳ)

| № | Намуди фаъолият | Андоз аз даромад | Андози иҷтимоӣ | Маблағи патент |
|---|---|---|---|---|
| | **Фурӯши молҳои ниёзи мардум** | | | |
| 1 | Фурӯши яхмос, маҳсулоти қаннодӣ, асал, ҳама гуна шириниҳо, санбӯса, биринҷ ва меваи хушк | 131,0 | 66,0 | 197,0 |
| 2 | Фурӯши мева, аз ҷумла ситрусӣ, инчунин тарбуз, харбуза ва каду | 102,0 | 50,0 | 152,0 |
| 3 | Фурӯши сабзавоти тару тоза, турушонидашуда, маҳсулоти ширӣ, тухм | 73,0 | 36,0 | 109,0 |
| 4 | Фурӯши нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, квас, оби газнок | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| 5 | Фурӯши нос | 233,0 | 117,0 | 350,0 |
| 6 | Фурӯши ғайристатсионарии нон, кулча ва маҳсулоти нонӣ, фурӯши патароқи ҷуворимакка | 57,0 | 30,0 | 87,0 |
| 7 | Фурӯши равған, моҳӣ (дар ҳама намуд), паранда ва ҳайвоноти хонагӣ, хӯрокворӣ ва қафасҳо барои онҳо, лавозимоти моҳигирӣ | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| 8 | Фурӯши қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизоти барқӣ дар растаҳо | 175,0 | 117,0 | 292,0 |
| 9 | Фуруши молҳои омехтаи ниёзи мардум ва маҳсулоти хурокворӣ дар растаҳои ғайристатсионарӣ, аз ҷумла: | | | |
| | $9^1$ - дар растаҳои то 3м | 100,0 | 49,0 | 149,0 |
| | $9^2$ - дар растаҳои зиёда аз 3м то 4м | 124,0 | 62,0 | 186,0 |
| | $9^3$ – дар растаҳои зиёда аз 4м то 5м | 162,0 | 74,0 | 236,0 |
| | $9^4$ – дар растаҳои зиёда аз 5м то 6м | 187,0 | 88,0 | 275,0 |
| | $9^5$ – дар растаҳои зиёда аз 6м то 7м | 211,0 | 100,0 | 311,0 |
| | $9^6$ – дар растаҳои зиёда аз 7м то 8м | 236,0 | 113,0 | 349,0 |
| | $9^7$ – дар растаҳои зиёда аз 8м то 9м | 249,0 | 124,0 | 373,0 |
| | $9^8$ – дар растаҳои зиёда аз 9м то 10м | 261,0 | 137,0 | 398,0 |
| 10 | Фурӯши молҳои омехта дар нуқтаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ (ба истиснои техникаи маишӣ ва телефонҳои мобилӣ, бидуни тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо): | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - то 10 $м^2$ | 286,0 | 124,0 | 410,0 |
| | - зиёда аз 10$м^2$ то 15$м^2$ | 437,0 | 137,0 | 574,0 |
| | - зиёда аз 15$м^2$ то 20$м^2$ | 585,0 | 143,0 | 728,0 |
| | - барои шаҳри Душанбе 100 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - барои шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб 80 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо 60 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - берун аз марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо 50 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| 11 | Хориҷ карда шуд (қарори ҲҶТ аз 13.02.2018, №60) | | | |
| 12 | Фурӯши маҳсулоти канселярӣ ва бозичаҳои кӯдакона | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| 13 | Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ:<br>- дар растаи то 2м | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| | - дар растаи аз 2м то 4м | 115,0 | 59,0 | 174,0 |
| 14 | Фурӯши ангишт ва ҳезум (ғайристатсионарӣ) | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| 15 | Омода кардан ва (ё) фурӯши таомҳо бе ҷои нишаст ва берун аз биноҳои статсионарӣ | 57,0 | 30,0 | 87,0 |
| 16 | Фурӯши гулҳои тару тоза | 233,0 | 117,0 | 350,0 |
| 17 | Фурӯши маҳсулот аз пластмасса, гулҳои сунъӣ, маҳсулот аз полиэтилен ва коғаз | 73,0 | 36,0 | 109,0 |
| | | | | |
| 18 | Кашонидани мусофирон ба воситаи нақлиёти автомобилии сабукрав | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| 19 | Кашонидани мусофирон ба воситаи микроавтобусҳо | 147,0 | 73,0 | 220,0 |
| 20 | Кашонидани мусофирон ба воситаи автобусҳо | 115,0 | 59,0 | 174,0 |
| 21 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш то 3 тонна ва эвакуаторҳо | 115,0 | 59,0 | 174,0 |
| 22 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 3 то 5 тонна | 147,0 | 73,0 | 220,0 |
| 23 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 5 то 20 тонна | 233,0 | 117,0 | 350,0 |
| 24 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш зиёда аз 20 тонна | 729,0 | 147,0 | 876,0 |
| 25 | Кашонидани маҳсулоти нафтӣ, гази моеъ, семент ва бетон ба воситаи нақлиёти махсусгардонидашуда | 291,0 | 147,0 | 438,0 |
| 26 | Кашонидани борҳо бо трактор | 57,0 | 30,0 | 87,0 |
| 27 | Кашонидани борҳо ба воситаи мотороллерҳо | 35,0 | 18,0 | 53,0 |
| **Дигар намуди хизматрасонӣ** | | | | |
| 28 | Шудгор ва коркарди замин бо техникаи кишоварзӣ | 147,0 | 73,0 | 220,0 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 29 | Кӯфтан ва ҷамъоварии зироатҳои ғалладона бо техникаи кишоварзӣ инчунин бурдан ва расонидани ёрии муҳосибӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| 30 | Сурудхонӣ дар ҷашну маъракаҳо | 641,0 | 147,0 | 788,0 |
| 31 | Ба иҷора додани либоси тӯёна (ба истиснои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб) | 525,0 | 117,0 | 642,0 |
| 32 | Навозандагӣ, раққосӣ ва барандагӣ дар ҷашну маъракаҳо | 115,0 | 59,0 | 174,0 |
| 33 | Истифодаи таҷҳизоти радио, телевизион ва таҷҳизоти дигар барои ороишоти макони баргузории ҷашну маъракаҳо. Сабти мусиқӣ дар телефони мобилӣ, фуруши дискҳои (фиттаҳои) аудиоӣ ва видеоӣ | 175,0 | 88,0 | 263,0 |
| 34 | Банаворгирии ҷашну маъракаҳо ва истифодаи нақлиёти махсуси автомобилӣ дар базмҳои арӯсӣ | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| 35 | Хизматрасониҳои сантехникӣ, электрикӣ, суратгирии берун аз бино, фаъолияти дӯзандагӣ, косметикӣ, сартарошӣ, хизматрасониҳои таълимӣ-репетиторӣ. Таъмири асбобҳои мусиқӣ. Барқдиҳии аккумуляторҳо, дӯхтани ҷилдҳо барои воситаҳои нақлиёт | 115,0 | 59,0 | 174,0 |
| 36 | Таъмир, вулканизатсия ва шустушӯи воситаҳои нақлиёт дар ҷойҳои махсусгардонидашуда, кафшергарӣ корҳои оҳангарии асбобҳои рӯзғор (ба истиснои истеҳсоли дарвоза, тиреза ва панҷара) | 233,0 | 117,0 | 350,0 |
| 37 | Хизматрасониҳои баҳрнавардӣ тавасути киштиҳои хурдҳаҷм, ҷуфткиштӣ (катамаран) ва скутерҳо | 124,0 | 88,0 | 212,0 |
| 38 | Хизмати миёнаравӣ дар бозор (даллолӣ), бахия кардани маҳсулоти қолинӣ, хизматрасонии тарозу, тез кардани корду асбобҳо, тайёр намудани калидҳо | 59,0 | 30,0 | 89,0 |
| 39 | Хизматрасонӣ оид ба иҷрои корҳо дар хонаҳо | 44,0 | 23,0 | 67,0 |
| 40 | Муқовакунии ҳуҷҷатҳо, нусхагирӣ | 59,0 | 30,0 | 89,0 |
| 41 | Фаъолияти маҳсгарӣ дар хона, ба иҷора додани мизу курсӣ | 49,0 | 38,0 | 87,0 |
| 42 | Ҳоҷатхонаи ҷамъиятии музднок (пулакӣ) | 175,0 | 89,0 | 264,0 |
| 43 | Тайёр намудани санги мазор, пешниҳоди тахтаи эълонҳо ва дигар маълумотҳо | 100,0 | 49,0 | 149,0 |
| 44 | Хизматрасонии экскаватор ва кранҳои борбардор | 291,0 | 147,0 | 438,0 |
| 45 | Таъмири маҳсулоти ҷавоҳирот | 175,0 | 89,0 | 264,0 |
| 46 | Корҳои ҳаккокӣ, насб ва таъмири антеннаҳои маҳворавӣ, таъмири соат, телефон, зарф ва техникаи маишӣ | 88,0 | 44,0 | 132,0 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 47 | Корҳои сохтмонию таъмирӣ дар объектҳои шахсони воқеӣ | 115,0 | 59,0 | 174,0 |
| 48 | Хизматрасонии рассомӣ (аз он ҷумла, рақами воситаи нақлиёт, рақамгузории кӯчаҳо) | 124,0 | 100,0 | 224,0 |
| 49 | Омӯзиши ҳунарҳои миллӣ (дӯзандагӣ, бофандагӣ, риштабофӣ, газворбофӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, рассомӣ, рангуборкунӣ, наққошӣ ба истисноӣ чунин фаъолиятҳо дар деҳотҷойҳо | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| 50 | Ба иҷора додани биноҳои истиқоматӣ ба сайёҳон ва хизматрасонӣ вобаста ба он дар маҳалли аҳолинишин (шаҳр, шаҳрак ва деҳа), ки меҳмонхона надорад | 59,0 | 35,0 | 94,0 |

Фармоиш дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи №735 “ғ” аз 4 феврали соли 2021 ба қайд гирифта шуд.